«Тасдиқ мекунам»
Ректори МТҒ «Донишкадаи
тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»
_______________Ибодзода З.Ҳ.
аз «__» __02__ соли 2024 № __4__

# НИЗОМНОМАИ
# МАКТАБИ ПЕДАГОГӢ - И НАЗДИ МТҒ "ДОНИШКАДАИ ТИББӢ-ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" (минбаъд Низомнома) дар асоси Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурӣ" (28.12.2023), аз ҷумла баланд бардоштани сифати таҳсилот, сатҳи тахассусӣ, тарбияи кадрҳо, тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030, ба роҳ мондани курсҳои таълимӣ-омӯзишии фанни педагогика ва методикаи таълим ба омӯзгорони мактабҳои олии ғайрипедагогӣ, ташкили барномаҳои таълимӣ дар ҳаҷми дастраси донишҳои муқаддимавӣ оид ба фанни педагогика дар мактабҳои олии тахассусӣ барои омӯзгорони курсҳои омӯзишии кадрҳои мактабҳои тахассусӣ, ташаккули донишҳои илмӣ ва шахсияти мутахассис ва муҳтавои таълимии фанни педагогика ба **кормандони педагогии** дар мактабҳои олии тахассусӣ фаъолияткунанда, фармоиши ректори МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" аз 02.01. соли 2024 №04-01 "Оид ба аз 02.01. соли 2024 дар сохтори МТҒ "Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон" таъсис додани Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ "ДТИТ", банди 3 боби 1 "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.09 соли 2020 (№526), ислоҳоти гузаронида шуда истодаи соҳаи маориф ва илм, Оинномаи донишкада ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шудааст.

1.2. Низомномаи Мактаби педагогӣ-и донишкада бо назардошти хусусият, иҷрои корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва дигар намуди фаъолият таҳия карда шуда, бо қарори Шурои олимони донишкада тасдиқ карда мешавад.



Сканировано с CamScanner

1.3. Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” дар ҳайати донишкада буда, фаъолияти худро дар самти корҳои тайёр ва бозомӯзии кадрҳо, мукаммалшавии ҳамешагии кадрҳои тахассусии донишкада, ки онҳо ҷавобгӯи талаботҳои таълимию тарбиявӣ бошанд, пеш мебарад ва ба муовини ректори донишкада оид ба таълим ва таҷрибаомӯзӣ ва Раёсати таълими донишкада ҳисоботдиҳанда мебошад. Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” фаъолияти худро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ мемонад.

1.4. Низомномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолият ва муносибати мутақобилаи онро бо дигар воҳидҳои сохтории донишкада муайян менамояд.

1.5. Тартиби таъсисдиҳӣ ва салоҳияти он мутобиқи Оинномаи донишкада муқаррар карда мешавад.

1.6. Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” ба сифати шахси ҳуқуқӣ баромад карда наметавонад.

1.7. Таъсис, аз нав ташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии он бо қарори Шурои олимони донишкада амалӣ мегардад.

## 2. Ташкили фаъолияти Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ”

2.1. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳият, мутобиқи Оинномаи донишкада ва Низомномаи мазкур муқаррар карда мешавад.

2.2. Ба Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” тибқи фармоиши ректори донишкада омӯзгорони маълумоти олии тиббидошта, ҳамчунин омӯзгорони аз навигариҳои педагогӣ бохабаршаванда ва дигар омӯзгорони тахассуси педагогидошта ва надошта, ки ба донишкада қабул шуданд, фиристода мешаванд.

Омӯзгорони дигар муассисаҳои олии таълимии ғайрипедагогӣ тибқи бастани шартномаи ҳамкорӣ метавонанд ба Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон” дар асоси пардохти маблағи таълим ба таҳсил фаро гирифта шаванд.

2.3. Фаъолияти Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” тибқи нақшаи корӣ барои як соли таҳсил тасдиқ гардида, ба роҳ монда мешавад. Ба нақшаи корӣ тибқи пешниҳоди ректор ва ё муовини ректор оид ба таълим ва таҷрибаомӯзӣ тағйиру илова ворид карда мешавад.

2.4. Фаъолияти мактаби мазкур дар асоси нақшаи кори фанни педагогика барои курсҳои омӯзишӣ дар ҳаҷми 52 соат (36 соат лексия, 12 соат корҳои амалӣ ва 4 соат имтиҳон) ва нақшаи кори фанни методикаи таълим дар мактаби олӣ дар ҳаҷми 36соат (24соат лексия, 8 соат амалӣ ва 4соат имтиҳон) сурат мегирад.



Сканировано с CamScanner

## 3. Ҳайат ва сохтори Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ”

3.1. Мактаби мазкур зерсохтори донишкада ба ҳисоб меравад.

3.2. Сохтори мактаб мувофиқи хусусиятҳои барномаи таҳсилотӣ аз рӯи самти такмили иқтисос ташаккул ёфта, дар донишкада аз ҳуҷраи таълимӣ (лексионӣ) ва санҷишӣ иборат мебошад.

3.3. Сохтор ва ҳайати мактаб ба ҳаҷми соатҳо ва хусусияти сарбории таълимӣ вобаста аст.

3.4. Дар ҷараёни таълим метавонанд омӯзгорон ва кормандоне, ки аз дигар кафедраҳо, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ё муассисаву ташкилотҳо даъват шудаанд, иштирок намоянд.

## 4. Салоҳиятҳои Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ”

4.1. Аз натиҷаи ҳар як курси гузаронидашуда, омӯзгорони курс ба роҳбарияти донишкада оид ба ҷараён, рафт ва натиҷаҳои он ҳисобот пешниҳод менамоянд.

4.2. Доир ба ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба нақшаи корӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд.

4.3. Тартиби кори Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” мувофиқи Низомномаи мазкур, ки аз ҷониби Шурои олимони донишкада ҷонибдорӣ мегардад, амалӣ карда мешавад.

4.4. Тартиби ташкил ва ҳуҷҷатгузории ҳуҷҷатҳои ҳатмии Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” ба ӯҳдаи омӯзгори (омӯзгорони) ҳар як давраи таҳсил гузошта мешавад.

4.5. Баъди хатми курси мазкур таълимгирандагон аз натиҷаи таълим (маҷмӯи дониш, маҳорат, малака, ақида, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои маънавӣ) аз санҷиш гузашта, ба онҳо ҳуҷҷати махсуси хатмкунандаи Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” дода мешавад.

## 5. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ”

5.1. Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ “ДТИТ” дар доираи фаъолияти худ ҳуқуқ дорад:

- дастрас намудани маълумот оид ба ташкили раванди таълим ва масъалаҳои ба фаъолияти мактаб алоқаманд аз дигар сохторҳои зертобеъи донишкада;
- ташкили корҳо дар самти тайёр кардан ва аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани кадрҳои илмӣ-педагогӣ;
- расонидани ёрии амалӣ ба омӯзгорони ҷавон дар азхудкунии маҳорати педагогӣ;



Сканировано с CamScanner

– муҳокимаи корҳои бо супориши Раёсати донишкада ба мактаб сафарбар гардида.

5.2. Мактаби педагогӣ-и назди МТҒ "ДТИТ" ухдадор аст:

– фаъолияти худро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи донишкада, Низомномаи мазкур, фармоишҳои ректор ва муовинони ӯ ва дастурамали вазифавӣ ба роҳ монад;
– ҳуҷҷатгузориро тибқи феҳристи тавсиявии ҳуҷҷатгузорӣ дар мактаб ва санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монад.
– ба молу амволи донишкада эҳтиёткорона муносибат намояд ва зарари ба донишкада расонидаашро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷуброн кунад, таҷҳизоти ба мактаб вобаста шударо дуруст ва мувофиқи таъинот истифода барад.
– ҳуқуқии озодӣ ва дигар манфиатҳои қонунии таълимгирандагон, интизоми меҳнат, қоидаҳои тартиботи дохилӣ, ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатариро дар давраи фаъолияти корӣ риоя намояд.
– қарорҳои Шурои олимон, фармоиш ва дастуру супоришҳои ректори донишкада, ки ба самти фаъолияти мактаб алоқаманд мебошад, иҷро намояд.
– Омӯзгор дар тамоми ташкили фаъолияти мактаб, тамоми раванди таълим ва ҳисоботдиҳӣ ухдадор мебошад.

## 6.Мукаррароти хотимавӣ

6.1.Низомномаи мазкур аз лаҳзаи аз тарафи ректори донишкада тасдиқ гардидан мавриди амал қарор гирифта, ба он дар ҳолатҳои зарурӣ бо тартиби муқаррар гардида тағйиру иловаҳо ворид карда мешавад.

6.2. Фаъолияти мактаб бо қарори Шурои олимони донишкада ва бо розигии муассис қатъ ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

Низомнома дар ҷаласаи Шурои олимони донишкада аз 31.01 соли 2024 (протоколи №7/2-1) баррасӣ гардида, маъқул дониста шуд.

А. Раҷабов



Сканировано с CamScanner